**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик**

Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳавзаҳои адабӣ ва аҳволу осори намояндагони барҷастаи онҳо дар адабиётшиносии муосир беш аз пеш муҳим ва мубрам гардида истодааст. Дар даврони истиқлолият таҳқиқи пурдоманаю фарогири он боз ҳам беҳтар гардид, ки он вобаста ба масъалаҳои бунёдие аз қабили боло бурдани худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки ҳавзаи адабии Ҳисор бовуҷуди шукӯҳ ва нақши хосаш дар рушду инкишофи адабиёти тоҷик аз мавзӯъҳои камтаҳқиқшудаи адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Воқеан, доираи адабии Ҳисор дар радифи ҳавзаҳои адабии Самарқанду Бухоро ва Ҳисору Ғазнин дар тӯли таърих дар шукуфоии шеъру адаби форсии тоҷикӣ саҳми беандоза гузоштааст. Дар сарзамини тоҷикон дар давраҳои гуногуни таърихи шоирону нависандагон, олимону орифон, хаттотону ҳунармандони зиёде зиндагӣ ва эҷод намуданд. Омӯзиш, таҳқиқ ва шинохти воқеии аҳволу осори намояндагони барҷастаи доираи адабии Ҳисор аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими илми адабиётшиносии муосир аст. Ба анҷом расидан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани рисолаи номзадии Хубонгул Ҷураева «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» дар ин ҷода гоми шоиста ва муҳим мебошад. Дар рисола бори аввал аҳволу осори яке аз намояндагони барҷастаи доираи адабии Ҳисор Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ дар контексти рушди ҳавзаи адабӣ дар асрҳои XVIII-XIX баррасӣ мегардад, ки он далели дар ин давра шукӯҳи хоса пайдо кардани муҳити адабии Ҳисор мебошад. Омӯзиши маҷмӯии масъалаи мазкур метавонад, барои шинохти бештари ривоҷу равнақи адабиёти тоҷик дар ин ҳавзаи адабӣ кӯмак намояд.

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷикии охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад, ки ӯ дар муҳити адабии Ҳисор ба камол расида аз худ мероси бойи адабӣ боқӣ гузоштааст. Аксари тазкиранависони давраи мавриди назар Ҳасратро ба ҳайси шоири тавоно ва адиби ширинсухан ёд кардаанд. Ӯ воқеан, идомадиҳандаи муҳимтарин суннатҳои адабии гузашта буда, дар офариниши шеър сабку шеваи хоси баёни худро доштааст, ки ин фазилати адабиаш аз тарафи тазкиранависон ва адибони муосираш борҳо таъкид шудааст. Далели дигари қудрат ва истеъдоди шоирии Ҳасрат боз дар он зоҳир мегардад, ки дар офариниши шеър ба меъёрҳои баланди шоирии замонаш пайравӣ намудааст. Ашъори дар пайравии Бедил ва дар сабки бедилӣ сурудаи ӯ далели равшани ин гуфтаҳост.

Хубонгул Ҷураева дар муқаддимаи рисолаи мавриди назар манзараи умумии рушди ҳавзаи адабии Ҳисорро дар асрҳои XVIII-XIX тасвир намуда, дар робита ба омӯзиши мавзӯъ ба чанд нуктаи муҳим ишора менамояд. Аз ҷумла, таъкид намудааст, ки омӯзиши аҳволу осори Ҳасрати Ҳисорӣ барин намояндагони барҷастаи адабиёти ин давра имкон медиҳад, ки доираи адабии Ҳисор ва нақшу мақоми он дар инкишофи адабиёти тоҷик ба таври комил шинохта шавад. Ба хотири таҳқиқи пурвусъаттари ин масъала диссертант боби якуми рисолаи худро ба омӯзиш ва таҳқиқи муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX бахшидааст. Муҳаққиқ пеш аз он ки ба баррасии масъалаи марбут ба аҳволу осори намояндагони ин ҳавзаи адабӣ пардозад, вазъи сиёсию иҷтимоии замон ва нақши онро дар инкишофи адабиёт тафсир менамояд. Вай таваҷҷӯҳи аҳли таҳқиқро ба масъалаи иртиботи адабию озодӣ ва фарҳангии байни доираҳои адабии Ҳисор, Бухоро, Самарқанд, Хатлон, Дарвоз, Истаравшан, Зарафшон ва Бадахшон ҷалб намудааст. Зуҳури шоирону адибони тавоное мисли Ҳасрати Ҳисорӣ, Парии Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ, Бисмил, Ишрат, Мавзун ва дигарон дар водии Ҳисор натиҷаи равшани робитаи босамари адабии доираи адабии Ҳисор бо дигар марказҳои илмию фарҳангии Мовароуннаҳр мебошад. Муаллифи рисола дуруст таъкид менамояд, ки

омили асосии равнақи шеъру адабиёт дар водии Ҳисор он буд, ки водӣ таъриху тамаддуни қадима ва бою рангин дошт. Дар ин сарзамин аз дер боз илму маърифат, ирфону адабиёт ва санъату ҳунар дар рушд буд ва шаҳри Ҳисор аз ҷумлаи марказҳои муҳими тамаддуни Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб мерафт.

Бояд гуфт, ки Ҳасрати Ҳисорӣ дар муҳити адабии воқеан рушдёфта ба камол расида зиндагӣ ва эҷод намудааст. Дар фасли дуюми боби аввали рисолаи мазкур Хубонгул Ҷураева дар бораи аҳволу осори як қатор адибони шинохта, ки ҳамзамони Ҳасрат буданд ва дар водии Ҳисор зиндагию эҷод карданд, маълумот медиҳад. Дар Ҳисор ҳам мисли ҳавзаҳои дигари адабӣ мадрасаҳо маркази илму адаб шоирону олимонро аз ҳар гӯшаи Ҳисори бостон ба ҳам меовард. Дар он давра дар водии Ҳисор мадрасаҳои зиёде фаъолият менамуданд, ки толибилмони зиёде аз минтақаҳои атроф барои таҳсил ва илмомӯзӣ ба ин ҷо меомаданд.

Дар баробари маҳфилҳои адабӣ дар водии Ҳисор ҳунарҳои хаттотию китобат, саҳҳофию муқовасозӣ ва ғайра ривоҷ доштанд. Дар замони зиндагии Ҳасрат дар водии Ҳисор суханварону ҳунармандони номдоре мисли Муҳаммадризои Хонақоҳӣ, Мулло Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Хоҷа Исҳоқи Ҳисорӣ, Мулло Неъматуллоҳи Хонақоҳӣ, Мирзо Абдуллоҳи Ҳисорӣ ва дигарон зиндагию эҷод карданд. Дар асрҳои XVIII-XIX дар дарбори ҳокимони Ҳисор шоирону олимони зиёде гирди ҳам омада буданд.

Муҳаққиқони доираи адабии Ҳисор нақши яке аз ҳокимони адабпарвари ин водӣ Абдулкаримхонро дар рушду равнақи доираи адабии Ҳисор махсус қайд мекунанд. Воқеан, дар замони ҳукмронии ӯ дар Ҳисор шоирони маъруфе мисли Мулло Раҷаби Парӣ, Мавзун, Саидҷон, Ирсӣ, Мирзо Мункӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод карданд. Аҳволу осори адибони барҷастаи ин доираи адабӣ, мисли Ғамгин, Банда, Холӣ, Розӣ, Музмар, Ҳизин ва дигарон шоистаи омӯзиш ва таҳқиқи фарогир мебошад. Таҳқиқи аҳволу осори онҳо барои ба пуррагӣ равшан намудани баъзе паҳлӯҳои эҷодиёти Ҳасрат кӯмак хоҳад кард.

Дар боби дуюми рисола муаллиф бевосита ба таҳқиқу баррасии аҳволу осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мепардозад. Вай дар фасли аввали боби мазкур зиндагиномаи шоирро тафсир намуда ба ду нуктаи муҳим ишорат намудааст. Аввалан таъкид мешавад, ки Ҳасрат дар Ҳисор ба дунё омада, баъдан дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудааст. Вай дар Бухоро илмҳои замонро аз бар намуда, ҳамчун шоир низ шуҳрат меёбад. Баъдан ба зодгоҳаш баргашта дар рушди доираи адабии Ҳисор хидмати шоиста намудааст.

Сониян зикр мешавад, ки шоир зиндагии душвор ва сангине доштааст ва шояд тахаллуси Ҳасратро интихоб намудани ӯ ҳам ба ин рабт дошта бошад. Ҳасрат хеле ҷавон аз дунё гузаштааст ва муаллифи рисола дар асоси ахбори сарчашмаҳои адабӣ санаи вафоти шоирро солҳои сиюми асри XIX медонад, ки ин воқеист. Бо вуҷуди хеле ҷавон аз дунё даргузаштан, Ҳасрат аз худ мероси арзишмандеро боқӣ гузоштааст, ки он қобили омӯзиш ва мутолиа мебошад. Дар рисолаи мавриди назар муаллиф кӯшиши зиёде намудааст, ки ҳаҷму микдор ва анвои ашъори шоирро равшан дақиқ созад. Вай дар асоси омӯзиши тазкираҳо, баёзҳо, ҷунгҳо ва сарчашмаҳои дигари адабию илмӣ ба хулосае мерасад, ки аз Ҳасрати Ҳисорӣ 93 ғазал, 21 мухаммас, 1 маснавӣ, 2 рубоӣ ва пораҳои ҷудогонаи манзум боқӣ мондааст. Илова бар ин, шоир баъзе асарҳои мансур ҳам доштааст, ки аз онҳо 2 пора то ба мо расиданд. Диссертант зимни ковишҳо ва пажуҳишҳои пурдоманаи худ таъкид менамояд, ки Ҳасрати Ҳисорӣ забони узбекиро низ хуб медонистааст ва ба ин забон як ғазал, як мухаммас ва як рубоӣ низ навиштааст.

Яке аз бахшҳои муҳим ва муфассали рисолаи Хубонгул Ҷураева боби сеюми он мебошад, ки муаллиф ашъори бозмандаи Ҳасрати Ҳисориро дар чаҳор фасли ҷудогона хеле муфассал накду баррасӣ менамояд. Дар фасли аввали боби мазкур ашъори ошиқонаи Ҳасрат мавриди баррасӣ қарор мегирад. Вай зимни баррасии ғазалҳои ошиқонаи шоир ишора менамояд, ки дар ашъори Ҳасрат ҳам ишқи ирфонӣ ва ҳам ишқи воқеӣ мавқеи муҳим дорад. Тасвири зебои саргузаштҳои ошиқона ва маъниҳои орифона дар

шеъри Ҳасрат, далели равшани завқи баланди зебоипарастии шоир мебошад.

Таҳлилу таҳқиқи ошиқонаҳои Ҳасрат собит менамояд, ки ӯ аз шеъру адаби гузашта хоса ашъори Ҳофизу Саъди, Камолу Ҷомӣ ва Бедил огоҳии комил доштааст. Ба ғазалҳои зебои шоирони пешин мухаммас навиштани Ҳасрат далели равшани ин гуфтаҳост.

Бояд гуфт, ки дар баробари масъалаҳои ошиқонаю орифона дар ашъори Ҳасрат мавзуъҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва тарбиявӣ низ мавриди тасвир қарор гирифтанд. Шоир сифатҳои неку волои инсонӣ, аз қабили хоксорӣ, накукорӣ, хушгуфторӣ, ҳимояи адлу инсоф ва ҳақиқатпарастиро васфу ситоиш менамояд. Дар баробари ин, дар ашъори Ҳасрат кибру ғурур, тангчашмӣ, дурӯғгӯйӣ, хиёнат ва ҷаҳолат барин сифатҳои манфӣ накӯҳиш мешаванд. Мутолиаи ашъори шоир, чунон ки муаллифи рисола таъкид мекунад, нишон медиҳад, ки Ҳасрат шоири инсонпарвар ва адолатхоҳ будааст. Ба андешаи ӯ инсон бояд ҳамеша мақому мартабаи инсонии худро, ки ба ӯ дода шудааст, бояд ҳифз намояд. Азбаски шоир бо аҳли заҳмат иртиботи бештар дошт, дар осораш ҳаққу шарафи онҳоро муҳофизат менамояд. Вай сабру таҳаммул ва қаноатро аз тангчашмию тамаъҷӯйӣ садҳо бор авлотар ва бартар мешуморад. Аз назари ӯ қаноат ва сабр касро дар анҷоми кор тавонгар ва доро мекунад. Ҳамаи ин, мақому мартабаи шоирро дар байни мардум хеле боло мебарад ва ӯро сарфи назар аз ҷавонияш соҳиби обрӯ ва эътибори баланд мегардонад.

Муаллифи рисола зимни баррасии бозтоби мавзуи мазкур дар ашъори шоир дуруст таъкид менамояд, ки андешаҳои танқидӣ ва панду ахлоқии Ҳасрат бештар дар партави афкори инсонпарваронаи шоир баён мешаванд.

Дар фасли сеюми боби сеюми рисолаи Хубонгул Ҷураева мавқеи иҷтимоии шоир дар партави ашъори танқидии ӯ ба таҳқиқ омадааст. Танқиди ҷаҳлу ҷаҳолат ва беадолатии иҷтимоӣ, зуҳури рӯҳияи озодихоҳӣ аз хусусиятҳои муҳими адабиёти тоҷикии асрҳои XVIII-XIX мебошад, ки бозтоби онҳо дар ашъори Ҳасрат як амри табиӣ ва қонунист. Шоир дар

баробари танқиди норасоиҳои иҷтимоию ахлоқии замон тавассути ашъори ҳаҷвиаш чеҳраи воқеии ҳокимону қозиён ва шайхону муллоҳои риёкорро ба мардум нишон медиҳад. Чунонки дар рисола ишора мешавад, Ҳасрат дар баъзе мавридҳо аз ҷабри фалак ва толеи бади худ низ шикоят мекунад. Муаллифи рисола дуруст таъкид менамояд, ки танқиди замон ва аҳли ҷоҳу сарват дар ашъори шоир бештар бо мақсади ҳимоят аз халқ ва мазлумон сурат гирифтааст.

Тасвири ҳамаи ин оҳангҳои иҷтимоӣ ва мавзуъҳои доғи замон ба он далолат менамояд, ки шоир аз мардум ҷудо набудааст. Вай ҳамеша шарики ғаму шодии халқи мазлум ва мададгору ёрирасони бечораю бенавоён будааст.

Масъалаи дигаре, ки дар фасли охири боби сеюми рисолаи Хубонгул Ҷураева мавриди баҳс қарор мегирад, ин ҳунари шоирӣ ва ҷанбаҳои адабию бадеии ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад. Тибқи ишораи муҳаққиқ бозтоби ҳунари адабии шоирро метавон пеш аз ҳама дар ғазалҳои ӯ ба мушоҳида гирифт. Зеро Ҳасратро ҳамчун шоири ғазалсаро эътироф мекунанд ва инчунин бахши асосии ашъори ӯро низ ғазал ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар таълифи ғазалҳои ошиқона шоир ба сабки сухани Бедил пайравӣ менамояд, вале ашъори ӯ бо забони хеле содаву мардумӣ суруда мешавад. Муаллифи рисолаи мавриди назар зимни таҳлили қиёсии ғазалҳои Ҳасрат бо ғазалҳои Бедил ба хулосае меравад, ки ғазали Ҳасрат дар пояи ғазали Бедил нест. Вале Ҳасрат дар корбурди калимаву таъбироти шоирона бештар ба забони содаву равони мардумӣ такя мекунад. Сабаби дар байни мардум шуҳрати бештар пайдо кардани ашъори Ҳасратро низ бояд аз ҳамин ҷо ҷустуҷӯ намуд. Ин ҷиҳати сабки шоирии Ҳасратро баррасӣ намуда, муҳаққиқ ба чунин хулоса мерасад, ки он қобили мулоҳиза аст: «Ҳасрат идомадиҳандаи суннатҳои адабии адабиёти классикӣ аст. Ҳасрат ба шоирони бузурги гузашта пайравӣ намуда, табъи худро бо шеъри баланд озмудааст».

Дар рисола зимни баррасии ашъори шоир ҳунари қофиясозӣ, истифодаи вазн, ибораю таъбироти шоирона ва ғайра маҳорати адабии

Ҳасрат дуруст нишон дода шудааст. Тибқи ишораи муҳаққиқ маъруфияти шеъри Ҳасрат дар байни мардум то ба дараҷае будааст, ки баъзе байту мисраъҳои ҷолиби ӯ ба зарбулмасал табдил ёфтаанд.

Дар бахши хотимавии рисола Хубонгул Ҷураева аз пажуҳиши муфассалу фарогири худ ба таври зайл натиҷагирӣ менамояд: «Ҳасрати Ҳисорӣ аз шоирони тирози аввали водии Ҳисор буда, рушди адабиёти тоҷикро дар ин водӣ равнақ бахшидааст. Зиндагӣ ва фаъолияти адабии ӯ ба охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX рост меояд. Шоир дар замони зиндагии худ девонашро ба таври комил мураттаб сохта буд, вале баъд аз вафоти ӯ бо фармони ҳокими Ҳисор Сӯфибий девони шоир нобуд карда мешавад. Бо вуҷуди ин шоир ба сифати як ҳунарманди равшанфикр афкори пешқадаму ақидаҳои созандаи замони худро дар ашъори парокандаи бозмондааш тарғиб менамояд». Ин нуктаҳо ва хулосаҳои муҳаққиқ далели равшани мақом ва ҷойгоҳи хоси шоир дар таърихи адабиёти тоҷик мебошад.

Фазилати муҳими дигари пажуҳиши мазкур дар он аст, ки баъзе хулосаҳо ва фишурдаҳои илмии муаллиф барои таҳқиқи бештари ҳавзаи адабии Ҳисор ва аҳволу осори намояндагони барҷастаи он роҳ мекушоянд.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар рисолаи таҳқиқкардашуда баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи рисола аз фоида холӣ нестанд:

1. Чи тавре ки худи муҳаққиқ зикр кардааст, ашъори шоир танҳо аз як маъхаз оварда шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ба дигар дастхатҳое, ки дар он ашъори шоир дарҷ гардидааст, такя менамуд.

2. Муҳаққиқ ҳангоми баррасии муҳити адабии Ҳисор ва мероси адабии Ҳасрати Ҳисорӣ агар аз усули таҳқиқи қиёсӣ бештар истифода мекард, ба натиҷаҳои бештари муҳимтару мушаххаси илмӣ даст меёфт.

3. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ба пажуҳишҳои қаблӣ доир ба муҳити адабии Ҳисор баҳои мукаммал дода нашудааст.

4. Дар рисола дар бораи ҳунари мухаммассароии шоир камтар таваҷҷуҳ шудааст. Ҳол он ки Ҳасрат беш аз бист мухаммас сурудааст, ки аксари онҳо аз нигоҳи ҳунари шоирӣ қобили таваҷҷуҳанд.

5. Дар рисола агар ба масъалаи таъсири ашъори Ҳасрат ба шоирони дигари доираи адабии Ҳисор таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, мақоми ӯ дар рушди ин муҳити адабӣ боз ҳам равшантар мегардид.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо арзиши илмии рисолаи Хубонгул Ҷураеваро кам намесозанд. Рисола пажуҳиши комилу анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Шарофзода Гавҳар**
**доктори илмҳои филология, дотсент,**
**Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти**
**назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Суроғаи электронӣ:**
**gsharofova@mail.ru**
**Тел: 900 01 88 00**

**Имзои Шарофзода Гавҳарро тасдиқ мекунам.**
**Мудири бахши умумӣ ва**
**масъули хадамоти кадрӣ** **Сангов Ғ.**